# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–093-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 №295)**

**Парвандаи аттестатсионии № ________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18 июни соли 2026, №18**

Бораи сазовор донистани Асомуддини Абдулмумин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1 - Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.

Диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) 10 апрели соли 2026, протоколи №13-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, № 120/шд.) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Асомуддини Абдулмумин 21-уми январи соли 1991 дар ноҳияи Ховалинг дар оилаи коргар таваллуд ёфтааст. Ӯ соли 2009 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 -и ноҳияи Ховалинг ва соли 2013 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар бо номи Носири Хусравро бо ихтисоси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Асомуддини Абдулмумин солҳои 2016-2020 муовини декан оид ба тарбияи факултети телекомуникатсия ва таълимоти касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, солҳои 2020-2024 омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2024 то ҳол иҷрокунандаи мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ номзади илмҳои таърих, дотсент, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ғафуров Абдулло Мутиллоевич мебошад.

Муқарризони расмӣ: Зикриёева Малика Файзиевна - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон ва Холмуродова Меҳрафрӯз Буриевна - номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби муқарриз, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна имзо шудааст, қайд гардидааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 10 интишори илмӣ оид ба мазмуни диссертатсия дорад, ки аз ин шумора 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Ҳамзамон, дар тақриз қайд мегардад, ки диссертатсияи Асомиддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Интишороти унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1–М]. Асомуддин, А. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид дар таърихнигории ватанӣ / А. Асомиддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - № 8. – С. 75-80. ISSN 2074 – 1847.

[2–М]. Асомуддин, А. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар таърихнигории ватанӣ / А. Асомуддин // Муаррих. – 2021. - №2 (26). – С. 114-120. ISSN 2709 – 7382.

[3–М]. Асомуддин, А. Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории Шанхай дар таърихнигории ватанӣ / А. Асомуддин // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. - №3 (92). – С. 286-289. ISSN 2219 – 5408.

[4–М]. Асомуддин, А. Раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар охири солҳои 80-ум - ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигорӣ / А. Асомуддин // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. - №6 (92). – С. 286-289. ISSN 2219 – 5408.

[5–М]. Асомуддин, А. Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ / А. Асомуддин // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.– 2024. - № 2 (94). – С. 75-80. ISSN 2074 – 1847.

[6–М]. Асомуддин, А. Масоили мубрами таърихи истиқлоли давлатӣ дар осори Пешвои миллат / А. Ғафуров, А. Асомуддин // Муаррих. – 2024. - №1 (37). – С. 114-120. ISSN 2709 – 7382.

[7–М]. Асомуддин, А. Кинои тоҷик дар даврони истиқлол / А. Асомуддин // Паёми фарҳанг. – 2023. - №4 (64). – С. 72-80.

**Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ ба табърасида:**

[8–М]. Асомуддин, А. Инъикоси масъалаҳои сулҳу ваҳдат дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ / А. Асомуддин // Маводи ҳамоиши илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои таъмини самаранокии ҳамбастагии илм ва истеҳсолот». - Душанбе. - 20-21 ноябри соли 2020. – С.21-27.

[9–М]. Асомуддин, А. Ҳаракату ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун омили асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / А. Асомуддин // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2022. - №2(2). – С. 19-22.

[10–М]. Асомуддин, А. Инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар таърихнигории ватанӣ /А. Асомуддин // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. – Душанбе, 24-25 апрели соли 2023. – С.194-197.

[11–М]. Асомуддин, А. Раванди гуфтушунид ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон аз нигоҳи муҳаққиқони хориҷӣ /А. Асомиддин // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. – Душанбе, 24-25 апрели соли 2023. – С.191-194.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

1. **Тақризи Ализода Баҳриддин Пирмуҳаммад**-доктори илмҳои таърих, сарходими илмии Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. **Тақризи Мирзоев Ғ.Ш.** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДБ ба номи Н. Хусрав
3. **Тақризи Сайфуллоева Ш.И.** - номзади илмҳои таърих, сардори шуъбаи илм, корҳои эҷодӣ ва инноватсияи МДТОК-и Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон

Тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо эродҳо вуҷуд надоранд. Дар тақризҳо ҷанбаҳои навгонии натиҷаҳои ба дастомада ва аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот зикр шудаанд. Дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ба талаботи муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) хулосаҳо вуҷуд доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ва доир ба масъалаҳои гуногуни вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000) **коркард карда шуд:**

- ***ошкор менамояд, ки*** баррасии амиқ ва таҳлили матнҳои таърихнигории мансуб ба масоили мубрами ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар солҳои 1992-1997 ва раванди мусолиҳаи миллӣ миёни гурӯҳҳои муқобил барои инъикоси воқеият ва бозгӯии таҳаввулоти сиёсӣ муҳим арзёбӣ гардида, он ба таъмини суботи минбаъдаи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд;

- ***пешниҳод шудааст, ки*** таҳқиқи ҷиддӣ ва арзёбии воқеаҳои сиёсӣ дар даҳсолаи охири асри XX ба фаҳми амиқи равандҳои таърихии ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди сулҳи тоҷикон мусоидат намуда, бисёре аз масоили мубрам ва баҳсбарангези он давраи ҳассосро рӯшан месозад. Аз ин рӯ, омӯзиши равандҳои сиёсӣ дар солҳои 90-ум, ки дар адабиёти илмӣ, ёддоштӣ, публитсистӣ ва матбуоти даврӣ бозгӯй шудаанд, мавзуи хеле муҳим ва мубрам буда, он вобаста ба мазмуну мундариҷаи худ аҳаммияти таърихӣ, илмӣ ва амалӣ дорад;

-***исбот шудааст,*** ки ба таври мукаммал заминаҳои илмии даврабандии ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон ба таври илмӣ баррасӣ шуда, самараи таҷрибаи сулҳ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ муайян гардид. Ҳамзамон, раванди танзими мунокишаи байни тоҷикон ва роҳҳои расидан ба сулҳу субот аз ҷиҳати таърихнигорӣ таҳлил шуда, ҷойгоҳи Комиссияи оштии миллӣ дар раванди расидан ба сулҳи комил муайян гардидааст.

- ***ҷорӣ намудани*** натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон», «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик» ва курсҳои дигари махсус оид ба таърихи давраи навтарин.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ - назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ - таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсии кишвар дар даврони истиқлолият кӯмаки воқеӣ расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2021), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус аз фанҳои “Таърихи халқи тоҷик”, “Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол”, “Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол” васеъ истифода кард;

- ***баён шудани*** ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи Кӯлоб дар замони соҳибистиқлолӣ, ки решаҳои амиқи таърихӣ дошта, дар шароити муосир ба омӯзиши маҷмӯӣ, ҳам аз назари илмӣ ва ҳам амалӣ ниёз доранд;

- *ошкор гардидани* бозгӯии арзиши таърихии асарҳо ва мақолаҳои ба раванди ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон бахшидашуда, сабаб ва заминаҳои рӯйдодҳои сиёсии солҳои 90-ум, аз ҷумла инъикоси ҷанги шаҳрвандии 1992-1997 дар Тоҷикистон дар осори муҳаққиқон ва таҳлили таърихнигорӣ, аҳаммияти таърихии Иҷлосияи XVI Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар тақвияти давлатдории миллии тоҷикон, даврабандии ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва таҳқиқи муқоисавии ин таснифот дар осори муҳаққиқон;

- *омӯхта шудани* аҳаммияти таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000)

-*аз нав такмил додани* омӯзиши масоили ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон дар таҳқиқотҳои илмӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд:

*-коркард ва ҷорӣ карда шуданд:* натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавии илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ, семинарҳои илмию амалии олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва дигар ҷамъомадҳои илмию оммавӣ дар шакли маърӯза баён гардидаанд;

*- муайян карда шуд,* ки мавод, мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода мегарданд. Маводи диссертатсияро метавон дар навиштани асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик истифода намуд. Тавсияҳои илмии дар рисола мавҷудбударо мақомоти давлатӣ барои таҳияи барномаҳои нав барои рушди минбаъдаи соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагии халқи минтақа метавонанд истифода баранд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар таҳияи курси лексияҳо ва хондани курсҳои махсус оид ба таърихи халқи тоҷик барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ метавонад хизмат кунад.

- *офарида шуд:* бори нахуст дар доираи як рисолаи илмӣ Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт.

- *муаррифӣ карда шуд:* инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992-2000) дар адабиёти илмӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки** дар таҳияи диссертатсия дақиқияти маълумот, кофӣ будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда истифода гардида, хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

-*ғояи* таҳқиқот дар заминаи ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатгузории соҳавӣ ва адабиёти илмӣ вобаста буда, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ ***асоснок шудааст;***

- ***истифода шудаанд:*** маводи бойгонӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, маводи мақомоти ҳукуматӣ ва ташкилоту муассисаҳое, ки фаъолияти онҳо бевосита ба соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, асарҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ;

-***муайян шудаанд:*** таҳаввулоти сиёсӣ ва омилҳои ба вуҷуд омадани ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997, масъалаҳои бозсозии ҷомеаи Тоҷикистон, поён ёфтани Иттиҳоди Шуравӣ, таҳаввулоти сиёсӣ, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои нав ва бархӯрдҳои сиёсӣ миёни нерӯҳои гуногун, музокироти гурӯҳҳои мухолиф ва зинаҳои расидан ба оштии миллӣ, таҳлили иқдоми сулҳофаринии Пешвои миллат, нақши Комиссияи оштии миллӣ дар таърихи давлати навини Тоҷикистон;

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои гуногуни таҳқиқи таҳлили илмӣ, аз ҷумла усулҳои таърихияти илмӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, масъалагузорӣ-солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ-таърихӣ ва ғайра истифода шудаанд. Дар асоси усули муқоисавӣ-таърихӣ таҳқиқи осори муҳаққиқони даврони истиқлолият дар қиёс бо асарҳои таърихӣ ва таҳқиқоти таърихнигории дигар давраҳои таърихӣ, аз ҷумла даврони шуравӣ, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқ, сабки баён ва ғайраҳо анҷом дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таълиф гардидаанд, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва даврабандии ин рӯйдоди сиёсӣ зоҳир мегардад.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлилу баррасии масъалаҳо мақсад ва вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, дар навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо саҳми шахсии худро гузоштааст. Муаллиф дар такя ба осори илмии таърихии давраҳои гунонун, аз ҷумла, истиқлолияти давлатӣ андешаҳои хешро нисбат ба масоили таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон баён намуда, хулосабарорӣ намудааст, ки ҳамаи ин таҳаввулот, бо вуҷуди муҳиммияти амиқи таърихӣ ва сиёсӣ, на танҳо таъсироти амиқ ба шаклгирии давлат ва ҷомеа доштанд, балки ба нерӯҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки дар раванди кишварсозӣ ва сулҳсозӣ нақши калидӣ бозиданд, таъсири ногузир расонданд. Ин мавзуи мубрам ҳанӯз ҳам дар таҳқиқоти илмӣ ба таври зарурӣ таҳқиқ нагаштааст ва ин омил метавонад ба фаҳмиши дуруст ва амиқи таърихи навини Тоҷикистон халал ворид созад.

Дар маҷлиси 18 июни соли 2026 (аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар ҳузур доштанд) шурои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Асомуддини Абдулмумин дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи

ихтисоси 6.1 - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) 5 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих, дотсент Муродзода А.А.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, доктори фалсафа
(PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих Мирзоев Ш.Ҷ.

18 июни соли 2026